**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, дотсент Сафарзода М.В.___________________
«__24__» ____феврали____ соли 2026

**Нусха аз протоколи №7**
**оид ба баргузории ҷаласаи навбатии кафедраи ҳуқуқшиносӣ факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

аз 23.феврали соли 2026 ш. Кӯлоб

**Раис:** н.и.ҳ., дотсент **Давлатзода Ш.Ш.**
**Котиб:** доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси сиёсатшиносӣ, дотсент **Файзов Р.Х.**

**Иштирок доштанд:** Мудири кафедра, н.и.ҳ. дотсент Давлатзода Ш.Ш., д.и.ҳ., профессор Раҳмон.Д.С., д.и.ҳ., дотсент Яқубзода С.Н., д.и.т., профессор Абдуллоев М.Х., д.и.ф., профессор Ибодов М., н.и.ҳ., дотсент Сулаймонов М., н.и.ҳ., дотсент Каримҷонзода М.К., н.и.ҳ., дотсент Исозода П.А., н.и.с., Ҳусайнзода А.Б., н.и.с., дотсент Файзов Р., муаллимони калон Назаров Б., Исозода З.И., Азизаи Н., Сафаров Ҳ., Разоқов Н.Н., ассистен., Сафиев А.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

1. Муҳокимаи рисолаи диссертатсионии унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқшиносӣ факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Ҷумъахони Саидшои Латифзода дар мавзуи «Ҳуқуқ ба манзил: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ва 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ.

**Роҳбарии илмӣ:** Раҳмон Дилшод Сафарбек – роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.

**Мушовири илмӣ:** Якубзода Сабоҳат Нарзулло – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмури факултети ҳуқуқшиносӣ Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Шунида шуд:** Оид ба масъалаи мазкур унвонҷӯ Ҷумъахони Саидшои Латифзода баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳиммият ва рӯзмаррагӣ, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии таҳқиқи диссертатсионии худ маълумот дода, ибро́з намуд, ки аҳаммияти мавзуъ дар чанд самти муҳими замонавӣ баръало эҳсос мешавад. Масъалаҳои вобаста ба ҳуқуқ ба манзил ва таҳқиқи илмии амалишавии он ба низоми иқтисодӣ, сиёсати ҳуқуқӣ ва ҳадафҳои дар ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии мамлакат пешбинишуда мусоидат менамояд. Яке аз вазифаҳои асосӣ дар самти баланд бардоштани дастрасии манзил рушд ва такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ дар ин самт ба шумор меравад.

Ҳуқуқ ба манзил дар таърихи халқи тоҷик бо тағйироти ҷомеавӣ, низоми идоракунӣ ва муносибатҳои иқтисодӣ пайванди ногусастанӣ дошта, марҳила ба марҳила бо дарназардошти унсурҳои ахлоқиву ҳуқуқӣ ва расму оини динӣ ташаккул ёфтааст. Онро метавон дар доираи якчанд марҳилаи таърихӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дод. Дар таҳқиқоти мазкур ҳуқуқ ба манзил бо дарназардошти марҳилаҳои эътирофнамоӣ ва ташаккулу рушди он дар пасманзари чор давраи таърихӣ: зардуштӣ, мусулмонӣ, шуравӣ ва даврони соҳибистиқлолӣ мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор дода мешавад.

Мақсади асосии ин таҳқиқот масоили таҳқиқи маҷмуӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, назариявӣ-ҳуқуқӣ ва низомноки ҳуқуқ ба манзил, мавқеи он дар низоми ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, масъалаҳои танзимнамоӣ, амалисозӣ ва ҳифзи ҳуқуқ ба манзил, муайян намудани тарзу усулҳои ҳимояи ҳуқуқ ба манзил ташкил медиҳад.

Дар ҷараёни ҷаласа аз ҷониби иштирокчиён н.и.ҳ., дотсент Каримҷонзода М.К., н.и.ҳ., дотсент Исозода П.А. ва муаллими калон Назаров Б. ба унвонҷӯ саволҳо дода шуд, ки ба онҳо Ҷумъахони Саидшои Латифзода ҷавобҳои мукаммал дод.

Баъдан роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. баромад намуда, оид ба фаъолияти илмии Ҷумъахони Саидшои Латифзода суханронӣ намуда, иброз дошт, ки унвонҷӯ қобилияти баланди эҷодӣ дошта, таҳқиқи диссертатсионӣ ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад ва мавзуи он барои татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат менамояд.

Диссертатсия бо шиносномаи ихтисосҳои 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ва 5.5.2.

Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мутобиқат карда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисосҳои мазкур тавсия дода мешавад.

Дар охир аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш карда шуд, ки довталабро дастгирӣ намоянд.

Сипас, раиси ҷаласа н.и.ҳ., дотсент Давлатзода Ш.Ш. баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия намуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия иштирокчиёни дигар, аз ҷумла д.и.ҳ., дотсент Яқубзода С.Н., д.и.т. профессор Абдуллоев М.Х. баромад намуда, ба унвонҷӯ тавсияҳои муфиди илмӣ доданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқро қайд карда, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқу баррасии масъалаҳои назариявӣ - методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Ҷумъахони Саидшои Латифзода муҳаққиқи пурмаҳсул буда, муаллифи 9 таълифоти илмӣ, иштирокчии конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ мебошад.

Ҳамзамон, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳ баён намудани нуктаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар амалӣ намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои марбут ба таҳқиқи диссертатсионӣ мусоидат менамоянд.

Ҷумъахони Саидшои Латифзода ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас, лоиҳаи хулосаи кафедра, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Ҷумъахони Саидшои Латифзода дар мавзуи «Ҳуқуқ ба манзил: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ва 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ кори тақиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Ҷумъахони Саидшои Латифзода дар мавзуи «Ҳуқуқ ба манзил: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ва 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими

ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ бо барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқукшиносӣ факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ санаи 23 феврали соли 2026, №7 қабул гардид.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ 19 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» 19 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Суратҷаласа аз 23 феврали соли 2026, №7.

**Раиси ҷаласа:**
Мудири кафедраи ҳуқуқшиносии
факултети таърих, ҳуқуқ ва
муносибатҳои байналмилалии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент **Давлатзода Ш.Ш.**

**Котиби ҷаласа:** доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи
ихтисоси сиёсатшиносӣ, дотсент **Файзов Р.Х.**

**Имзоҳои Давлатзода Ш.Ш. ва Файзов Р.Х.-ро**
**тасдиқ мекунам:**
Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДК **Давлатов М.А.**

«23» феврали 2026 с.

Суроға: 735360, ш. Кӯлоб,
Кӯч. С. Сафаров 16,
Тел.:(833-22)2-35-06,
факс: (33-22)3-35-06,
Почтаи электронӣ: info@kgu.tj,
сомонаи интернетӣ:www.kgu.tj